## Тақриз

**ба автореферати диссертатсияи Ҷавҳарова Муҷибахон Одиловна дар мавзӯи «Юсуф ва Зулайхо» - и Ховарии Шерозӣ ва муқоисаи он бо достони ҳамноми Абдураҳмони Ҷомӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик**

Қиссаи «Юсуфу Зулайхо» сарчашмаи ибрӣ дошта, тадриҷан ба адабиёти форсии тоҷикӣ тавассути Қуръон гузаштааст ва аз киссаҳои машҳуру дилнишин аст, ки дар ин мавзӯъ достонҳои зиёд эҷод шуда, ҳар кадом дар мавқеи худ асарҳои ҷолибанд. Дар адабиёти форсии тоҷикӣ оид ба қиссаи пуршӯри «Юсуфу Зулайхо» достонҳои зиёд навишта шудаанд, ки ин силсилаи достонҳо ҷойгоҳ ва мақоми хосса доранд. Дар миёни достонҳои «Юсуфу Зулайхо»-и адабиёти форсии тоҷикӣ асари Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ мақоми шоиста дорад ва аз рӯи нишондоди донишмандони зиёд аз беҳтарин ва муассиртарин достон дар ин мавзӯъ аст.

Автореферати диссертатсияи Ҷавҳарова Муҷибахон Одиловна ба яке аз мавзӯъҳои муҳим ва мубрами адабиётшиносӣ - «Юсуф ва Зулайхо»-и Ховарии Шерозӣ ва муқоисаи он бо достони ҳамноми Абдураҳмони Ҷомӣ» бахшида шуда, бо забони равон ва фасеҳи илмӣ навишта шудааст.

Ҷавҳарова Муҷибахон Одиловна достони «Юсуф ва Зулайхо»-и Ховарии Шерозӣ, шоири асри X1X- ро бо достони ҳамноми Абдураҳмони Ҷомӣ, ки аз беҳтарини достонҳо дар ин мавзӯъ аст, ба таври муқоиса таҳқиқ кардааст. Ба таври муқоиса омӯхтан ва пажӯҳиш кардани ду достони ҳамном ё се асари дар як мавзӯъ эҷодшуда, дар адабиётшиносӣ аз равиши хуби илмӣ аст. Нишон додани ҳунари ду шоир дар бозгӯии як мавзӯъ аз дониши жарфи муҳаққиқ дарак медиҳад.

Аз баррасии автореферати диссертатсияи Ҷавҳарова Муҷибахон Одиловна хуб ба назар мерасад, ки муҳаққиқ мавзӯъро ба бобҳову фаслҳои муназзам тақсимбандӣ карда, таҳқиқ кардааст. Муҳаққиқ ҳадафи таҳқиқро дар се боб ва чордаҳ фаслҳои ҷудогона бо як муназзамии илмӣ баён

доштааст, ки аз хондани мундаричаи диссертатсия ҳадафи унвонҷӯ ба хубӣ муайян мегардад. Аз унвони бобҳову фаслҳо ва муҳтавои автореферат равшан аст, ки ин ду достон муқоисаи воқеии илмӣ карда шудаанд. Дар таҳқиқи мавзӯъ унвонҷӯ аз сарчашмаву адабиёти зиёди илмӣ ва тафсирҳо истифода кардааст, ки ҳусни корро афзудаанд. Таҳқиқоти Ҷавҳарова Муҷибахон Одиловна дар мавзӯи худ нав аст ва аз муҳокимаҳо, баҳсҳо ва натиҷагириҳо хуб ба назар мерасад, ки унвонҷӯ ҳамчун як муҳаққиқи таҷрибадор ташаккул ёфтааст ва мавзӯъро хуб медонад.

Натиҷаи таҳқиқ аз пажӯҳиши мавзӯъ бозгӯи он аст, ки унвонҷӯ ҳадафҳо ва вазифаҳои дар назди худ гузоштаро дар заминаи андешаҳои илмӣ хуб ва дуруст таҳқиқ кардааст. Мақолаҳои чопкардаи унвонҷӯ, ки дар охири автореферат оварда шудаанд, баёнгари муҳтавои диссертатсия мебошанд.

Автореферати диссертатсияи Ҷавҳарова Муҷибахон Одиловна дар мавзӯи «Юсуф ва Зулайхо»-и Ховарии Шерозӣ ва муқоисаи он бо достони ҳамноми Абдураҳмони Ҷомӣ» бо забони равони илмӣ навишта шудааст ва муҳассаноти зиёд дорад.

Новобаста аз муваффақиятҳои зиёд дар автореферати диссертатсия баъзе камбудиҳо ба назар расиданд, ки баёни онҳоро зарур медонем:

1.Достони Ховарии Шерозӣ, ки дар асри XIX эҷод шудааст, бояд бо достонҳои дар ин давра эҷодшуда муқоиса карда мешуд.

2.Ба назари мо, дар автореферат ғояи марказии достонҳои Абдураҳмони Ҷомӣ ва Ховарии Шерозӣ муфассал таҳқиқ нагардидаанд.

Ин камбудиҳои баёнгардида ҳаргиз ҳусни рисоларо коста намегардонад ва автореферати диссертатсияи Ҷавҳарова Муҷибахон Одиловна дар мавзӯи «Юсуф ва Зулайхо»-и Ховарии Шерозӣ ва муқоисаи он бо достони ҳамноми Абдураҳмони Ҷомӣ» бо муҳтавову дастовардҳо ва натиҷагириҳо ба талаботи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

комилан ҷавобгӯст ва унвонҷӯ сазовори унвони илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик мебошад.

**Доктори илмҳои филологӣ,**
**мудири кафедраи методикаи**
**таълими фанҳои гуманитарии**
**Муассисаи давлатии Донишкадаи**
**ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва**
**бозомӯзии кормандони соҳаи маориф** **Маҳкамов Сайфулло**

**Нишонӣ: ноҳияи Шоҳмансур,**
**кӯчаи Нисормуҳаммад 15 «А»**

**Тел: 918526973**

**Имзои Маҳкамов С. - ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори шуъбаи кадрҳо ва котибот:** **Эраҷ Аҳмадов**

**Сана : 20.12.2019**